**Тақриз**

**ба рисолаи Гадоев Нурхон «Воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳчаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ (минтақаи Кӯлоб)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси забоншиносӣ.**

Дар шеваҳои забони тоҷикӣ майдони густариш ва интишору истеъмоли воҳидҳои фразеологӣ хеле васеъ буда, мардум онҳоро чун воситаи қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти маънавии худ мавриди истифода қарор медиҳанд. Аз ин ру, ба риштаи тадқиқ кашидани таркибу ибора ва ҷумлаҳои фразеологӣ ва нишон додани хусусиятҳои маъноию услубии онҳо дар лаҳчаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ аз масъалахои хеле муҳими забоншиносии кунунии точик ба ҳисоб меравад. Ҳаминро ба назар гирифта, номзади илми филология, дотсент Н.Гадоев доир ба фразеолгияи лаҳҷаҳои ҷанубӣ(минтақаи Кӯлоб)як татқиқоти пурмуҳтаво ва мукаммалу муфассалро ба анҷом расонидааст,ки дар он ҷиҳатҳои маъноӣ,услубӣ,семантикӣ ва роҳҳои зуҳуроту такомулоти воҳидҳои фразеологӣ дар ин лаҳҷаҳо ба тадқиқ гирифта шудаанд.

Рисола аз муқаддима, чор боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Дар муқаддима муҳаққиқ доир ба муҳиммот, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, навгониҳои илмии рисола, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, методҳои тадқиқ маълумот дода, дуруст қайд мекунад,ки таъбироти халқӣ ҳамчун воситаи забонӣ касро , пеш аз ҳама, ба таърих, анъана, расму оин ва урфу одати мардум ошно месозанд.Инчунин пуробурангӣ, муъҷазбаёнӣ,ороишу пероиш ва бадеияти сухан низ дар забон тавассути воҳидҳои фразеологӣ ба амал меоянд.

Дар муқаддима омадааст, ки дар соҳаи фразеология олимони зиёди ватанию хориҷӣ тадкикот бурда, аломат ва хусусиятҳои хоси онҳоро омӯхта, дар ин бобат рисолахои хуби илмӣ ба табъ расонидаанд. Аз забоншиносони хориҷӣ Ш.Балли, П.Смит, В.В. Виноградов, Н.М. Шанский, Б.А. Ларин, А.В. Кунин, С.И. Ожегов, А.И. Смирнитский, С.И. Абакумов, А.А. Булаховский, В.П Жуков,М.И. Сидоренко, Л. И. Ройзенсон, аз олимони тоҷик Н. Маъсумӣ, Ҳ. Маҷидов, Р. Ғаффоров, Б. Камолиддинов, С.В.Хушенова, И.Ҳасанов, Р.Саидов, Х.Ҷалилов,дар соҳаи фразеологияи лаҳҷавӣ бошад, Т.Мақсудов, Б. А. Осимова, Д. С. Қодиров, П. Холов ва дигарон саҳм гирифтаанд.

Боби аввал «Воҳидҳои фразеологии лаҳҷавӣ ва хусусиятҳои онҳо» номгузорӣ шудааст. Воҳидҳои фразеологии лаҳҷавӣ аломатҳои махсуси худро доранд: дар ҳудуди гӯйишҳои алоҳида гардиш мехӯранд, корбасти

онҳо ба ҷуз лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳ дар гӯйишҳои дигари забони тоҷикӣ мушоҳида намешавад, бидуни соҳибони лаҳҷа касе ба маънии онҳо сарфаҳм намеравад ва амсоли инҳо.

Муҳаққиқ дар ин боб доир ба вижагиҳои воҳидҳои фразеологии лаҳҷаҳои Кӯлоб сухан ронда, сарчашмаҳои пайдоишу афзоиши онҳоро бо далелҳои амиқи илмӣ нишон додааст.Ӯ мулоҳизаҳои мухталифи забоншиносонро перомуни фразеологизмҳо ба мушоҳида гирифта, дар иртибот ба мулоҳизаҳои эшон дар ин бобат бисёр андешаҳои ҷолибу ҷозиб ва қобили қабул баён кардааст.

Боби 2 “Таснифоти воҳидҳои фразеологӣ аз руйи маъно”ном дорад. Ин ҷо муҳаққиқ воҳидҳои фразеологро аз нигоҳи мазмуну муҳтаво ба 4 навъ тасниф кардааст: 1) идеомаҳо (рехтаи фразеологӣ): 2) воҳидҳои фразеологии ғайриидеоматикӣ: 3) вобастаҳои фразеологӣ: 4) ифодаҳои фразеологӣ. Перомуни ҳар кадоми онҳо муаллиф муфассал маълумот до,зимнан фикру ақидаҳои худро бо далелҳои муътамад асоснок кардааст. Дар ин боб воҳидҳои фразеологӣ аз нигоҳи сохтор низ мавриди боздид қарор дода шудаанд. Унвонҷӯ доир ба таркибҳои фразеологӣ, ибораҳои фразеологӣ, ҷумлаҳои фразеологӣ ва тафовути онҳо аз ҷумлаҳои озоди синтаксисӣ ибрози назар намуда,бо мақсади муайян сохтани хусусияту нишонаҳои асосии ҷумлаҳои фразеологӣ андешаҳои баҳсноки иддае аз забоншиносонро хотирнишон кардааст, инчунин ҷумлаҳои озоди синтаксисиро ба ҷумлаҳои фразеологӣ муқоиса карда, дар ин бобат хулосаҳои дақиқи илмӣ баровардааст.

Боби сеюм -«Хусусиятҳои семантикии воҳидҳои фразеологӣ» ба тадқиқи тобишҳои лексикию семантикии воҳидҳои фразеологии лаҳҷаҳои мазкур бахшида шудааст. Дар ин ҷо ибораҳои фразеологӣ аз нигоҳи фарогир будани маъноҳои луғавию семантикӣ ва хусусиятҳои услубиашон бо мисолҳои мушаххас тавзеҳ дода шудаанд. Илова бар ин, муҳаққиқ дар ин қисмати кор оид ба қабатҳои луғавию семантикии воҳидҳои фразеологии лаҳҷавӣ (муродифҳои фразеологӣ, антонимҳои фразеологӣ, воҳидҳои фразеологии омонимӣ ва сермаъно) маълумоти васеъ дода, роҳҳои зуҳуроти онҳоро дар забони зиндаи халқ муайян кардааст.

Боби чорум “Воҳидҳои фразеологие, ки ба кору фаъолияти одамон иртибот доранд”, унвон гирифта, яке аз қисматҳои калонтарини рисола аст. Ин боби кор доир ба воҳидҳои фразеологӣ бо вожаҳои соматӣ, воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, аз ҷумла зоонимҳои фразеологӣ, фитонимҳои фразеологӣ баҳс мекунад. Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ таъбирҳое

гардиш мехуранд, ки дар онҳо номи узвҳои биологии инсон, аз қабили «дил», «гӯш», «чашм», «даҳон», «даст», «рӯй»,”по”,”гардан”, ”бинӣ”ҷузъи асосӣ буда, барои нишонрасу муассир ифода ёфтани фикр хизмат мекунанд.

Хулоса, рисолаи Н.Гадоев “Воҳидҳои фразеорлогӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ(минтақаи Кӯлорб)”маводи фаровонро дар бар мегирад. Дар он марворидҳои пуртобиши халқӣ ҳамаҷониба таҳлил карда шудаанд. Тадқиқоти мазкур пурра анҷомёфта буда, дастовардҳои илмии диссертант назаррасанд ва дар ҳаллу фасли масъалаҳои назариявию амалии соҳаи фразеологияи лаҳҷавӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ расидааст.

Ҳамаи инро ба ҳисоб гирифта, меарзад, ки рисолаи Н.Гадоеворо таҳти унвони “Воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ (минтақаи Кӯлоб)” барои ҳимоя аз рӯи ихтисоси забоншиносӣ ба Шӯрои дифои рисолаҳои доктории риштаи филологияи тоҷик пешниҳод намоем.

**Мушовири илмӣ:**
**доктори илми филология,**
**профессори кафедраи**
**забони тоҷикӣ ва назарияи**
**забоншиносии ДДЗТ**
**ба номиС.Улуғзода** **Ш.Исмоилов**

“Имзои профессор Ш. Исмоиловро тасдиқ менамоям”
Сардори шуъбаи кадрҳои ДДЗТ ба номи С.Улуғзода
Наҷмуддинов Ш.

12. 06.2018

ШӮЪБАИ КАДРҲО